Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Зарифзода Шоҳрух Иззатулло дар мавзуи «Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури марказии низоми ҳуқуқӣ: таҳқиқи назариявӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст

Таҳқиқи диссертатсионии Зарифзода Шоҳрух Иззатулло доир ба мавзуи мубрами назарияи давлат ва ҳуқуқ анҷом дода шуда, дар он мафҳум, хусусиятҳо, шаклҳои махсуси ифода, тартиби махсуси таҳия ва интишори фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо дарназардошти аҳаммияти онҳо дар рушди ҷомеа таҳлил карда мешаванд. Навгонии илмии мавзуи диссертатсия бо он тасдиқ мешавад, ки ҳокимияти президентӣ падидаи нав дар ҳаёти ҳуқуқӣ буда, таҳлили он истифодаи усулҳои махсуси назариявии дарки илмиро тақозо дорад.

Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар доираи самтҳои зерини таҳқиқи илмӣ омӯхта мешаванд: таносуби фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; намудҳои санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар робита бо намудҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; таснифи санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти интихоби маҳакҳои ҷудогонаи таснифи илмӣ; мақоми махсуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар низоми мақомоти давлатӣ; вазъи махсуси ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон; фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва хусусиятҳои он; таносуби фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон;

таносуби салоҳияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва идоракунии сарвари давлат; тартиби махсуси таҳия ва интишори санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон; эътибори ҳуқуқии фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар доираи масъалаи назариявии эътибри ҳуқуқии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; ҷанбаҳои амалии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон.

Самтҳои зикршудаи таҳқиқи диссертатсионӣ навгонии илмӣ доранд, чунки дар доираи онҳо масъалаҳои нави назариявӣ, ки ба таҳлили фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон мусоидат менамоянд, мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шудаанд. Чунончи, муаллиф андешаҳои худро оид ба таносуби ҳокимияти президентӣ бо шохаҳои дигари ҳокимияти давлатӣ, таносуби эътибори ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро бо эътибори ҳуқуқии дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, функсияи Президент оид ба танзими оперативии муносибатҳои ҷамъиятӣ, фарқи мазмуни меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз мазмуни меъёрии дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, тартиби махсуси таҳияи лоиҳаи санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, функсияҳои танзими иҷтимой-меъёрии фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳаматарафа таҳлил карда мешаванд. Ҳамаи масъалаҳои зикршуда, ки дар маркази таваҷҷуҳи муаллиф қарор дода шудаанд, бешубҳа, навгонии илмии диссертатсияро таъмин мекунанд.

Таҳлил ва муҳтавои автореферати диссертатсия нишон медиҳад, ки аз ҷониби муаллиф таҳқиқи мукаммали илмӣ ба анҷом расонида шуда, натиҷаҳои он аҳаммияти назариявӣ, методологӣ, маърифатӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ-иҷтимоӣ доранд. Ҳамзамон бо ин, дар кор баъзе андешаҳои ҷузъии

мубоҳисавӣ ба назар мерасанд, ки изҳори назари муаллифро тақозо доранд.

Чунончи, ба ақидаи муаллиф фаъолияти «ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлатро дар доираи категорияҳои «фаъолияти қонунэҷодкунӣ» ва «фаъолияти қонунгузорӣ» таҳлил намудан лозим аст. Мафҳумҳои зикршуда аз нуқтаи назари он, ки доираи гуногуни намудҳои фаъолияти ҳуқуқиро дар бар мегиранд, аз ҳамдигар фарқ доранд» (саҳ. 24 автореферат). Ин ақидаи муаллиф аз лиҳози илмӣ баҳснок аст, чунки фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро бо фаъолияти қонунгузорӣ алоқаманд мекунад. Категорияи илмии «фаъолияти қонунгузорӣ» асосан дар робита бо мафҳуми «қонунгузорӣ» истифода мешавад. Вобаста ба ин, муаллиф ҳангоми ҳимояи ошкорои диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ андешаи худро баён намояд.

Эроди зикршуда илман баҳснок буда, бо мунозираҳои илмии ҷойдошта оид ба таносуби ҳуқуқэҷодкунӣ, қонунэҷодкунӣ ва қонунгузорӣ алоқаманд аст ва ба муҳтавои умумии таҳқиқи диссертатсионӣ таъсири ҷиддӣ намерасонад.

Автореферати диссертатсияи Зарифзода Шоҳрух Иззатулло дар мавзуи: «Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури марказии низоми ҳуқуқӣ: таҳқиқи назариявӣ-ҳуқуқӣ» ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ (Замимаи 2 ба фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493) ва бандҳои 54, 84 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад.

Таҳқиқи диссертатсионии Зарифзода Шоҳрух Иззатулло дар мавзуи: «Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури марказии низоми ҳуқуқӣ: таҳқиқи назариявӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба ихтисоси 5.5.1. Назария ва

таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мутобиқат дорад.

Диссертатсия дар мавзуи: «Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури марказии низоми ҳуқуқӣ: таҳқиқи назариявӣ-ҳуқуқӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқ буда, муаллифи он Зарифзода Шоҳрух Иззатулло ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат сазовор аст.

Ҳаитов Саидали Порғиевич
номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсенти
кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва зиддикоррупсионии
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
ш. Душанбе куч. Нахимов 64/14
+992901030164
Saidali.66@list.ru

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон Мирҷамолов М.А.

«14.» 02. 2026 с.